Тасдиқ менамоям,
Ректори Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Ғафурзода А.Д.________
«_21_» _декабри_______2020

**Тақризи муассисаи тақриздиҳанда**

**ба диссертатсияи Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи «Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

**1. Муҳиммияти мавзӯи диссертатсия.**

Вазифаи муҳимми стратегии иқтисоди миллӣ баланд бардоштани суръат ва беҳтар намудани сифати рушди иқтисодӣ мебошад. Дар байни бисёр омилҳои муайянкунандаи шароит ва имкониятҳои рушди иқтисодӣ омилҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Таъсири онҳо дар ташаккули нишондиҳандаҳои арзишии фаъолияти системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилотҳо дар сатҳҳои гуногун, дар давраи ислоҳот, аксаран мақоми дуюмдараҷаро касб намуда, бо меъёрҳои ҷаҳонии муносибати ҷомеа ва тиҷорат, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ ҳамчун асоси рушди босуботи иқтисодиёт мухолифат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои гузаронидани ислоҳотҳои бозоргонӣ аслан нуқтаи назар ба муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва хусусияти ташкили онҳо дар бозорҳои гуногуни меҳнат тағйир ёфт. Ҷанбаҳои нави муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, пеш аз ҳама ба тағйироти куллии шакли моликият дар кишвар вобаста аст. Ин ба таври қатъӣ коҳиш додани

моликияти давлатӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои моликияти коллективӣ ва хусусӣ ба вуқӯъ пайваст, ки албатта ба бартарафсозии системаи мутаммаркази идоракунии иқтисодиёт оварда расонид. Дар ташаккули фаҳмиши нави сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва рушди шарикии иҷтимоӣ, нақши муҳимро институтҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебозанд.

Рушди устувори иқтисодӣ ва соҳибкории бомасъулияти иҷтимоӣ, воридшавии ихтиёрӣро ба муносибатҳои шарикӣ ва дар ҳадафу вазифаҳои худ эътироф намудани афзалияти манфиатҳои умумии шариконро пешбинӣ менамояд. Консепсияи масъулияти иҷтимоӣ, айни ҳол танҳо дар қисме аз субъектҳои иқтисодиёти ватанӣ татбиқ мегардад.

**2. Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия омадаанд.**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти назария ва амалияи шарикии иҷтимоӣ, коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили механизмҳои фаъолсозии ин институт рӯи кор омадааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимон- иқтисодчиёни ватанивию хориҷиро дар соҳаи шарикиву масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: таҳлил ва омӯзиш, усулҳои индуксия ва дедуксия, таҳлили қиёсӣ, усулҳои баҳодиҳии тағйирёбии сохторӣ, таҳлили абстрактию мантиқӣ, монографӣ, усулҳои иқтисоди оморӣ ва математикӣ татбиқ шудаанд.

Заминаи иттилоотии тадқиқоти илмиро дастурҳо баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон маводҳои конференсияҳо, маводҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ташкил додаанд.

Шиносоӣ бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи тадқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

**3. Саҳеҳӣ ва навгонии тадқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда.**

Ба назари мо элементҳои навгонии тадқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳад, чунинанд:

– муайян карда шудааст, ки моҳияти мафҳуми «шарикии иҷтимоӣ» ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро доир ба муҳиммияти муносибатҳои меҳнативу иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар низоми муносибати молумулкӣ ва мубодилоти манфиатҳои иҷтимоию моддӣ ифода менамояд, раванди гуманизатсияи истеҳсолотро фаъол мегардонад;

– сохтор ва робитаи мутақобилаи ниҳодҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун асоси институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ муайян гардида, алоқамандии робитаҳои институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ ва сармояи иҷтимоӣ муқаррар карда шудааст;

– ба сифати асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши шарикии иҷтимоӣ истифодаи равишҳои институтсионалӣ пешниҳод гардидааст, ки

аз вобастагии тарафи иҷтимоиву технологии фаъолияти истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ бармеоянд. Муайян карда шудааст, ки дар замони муосир шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ниҳоди муҳим ҷиҳати созиши манфиатҳои иштирокдорон дар ҳалли зиддиятҳои бавуҷудомада дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии субъектҳои хоҷагидор баромад менамояд;

– нақш ва ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар рушди тамоюли гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ, аз байн бурдани тазод миёни сармоя ва меҳнат, хусусияти робитаҳои институтсионалӣ миёни муносибатҳои моликият, шарикии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шуда, сабабҳои ба миён омадани зиддиятҳои функсияҳои тасарруф, тақсимот, истифода ва азхудкунии захираҳо аз нуқтаи назари рафтори институтсионалӣ шарҳ дода шудааст;

– асосҳои методологӣ ва методикаи арзёбии сифативу миқдории таъсири сатҳи инкишофи шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ таҳия гардида, вобастагии мустақими сиёсати иҷтимоии давлат ва шарикии иҷтимоӣ муайян карда шудааст; омилҳои иҷтимоии рушди иқтисодӣ ва сатҳу сифати таъсирбахши он ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидор тавсиф карда шудааст;

– муносибатҳои консептуалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ таҳия гардида, принсипҳои методии ташкили системаҳои идоракунии шарикии иҷтимоӣ дар самти иҷтимоии фаъолияти субъектҳои бахши хусусии иқтисодиёт пешниҳод гардиданд; рушди ниҳодҳои алоҳидаи шарикии иҷтимоӣ таҳия карда шуда, шакли ягонаи системаи арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ (таҳияи заминаи методологии муқоисаи саҳми корхонаҳо дар рушди ҷомеа), шакли ягонаи системаҳои ҳисоботдиҳӣ оид ба масъулияти иҷтимоӣ ва тарзу услуби асоснок намудани сатҳи масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст.

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, баҳогузории дараҷаи коркарди илмии масъала анҷом ёфта, объект ва предмети таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии кори диссертатсионӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян гардидаанд.

**Дар боби аввал - «Асосҳои назариявӣ ва методологии муносибати институтсионалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ дар низоми иқтисодиёт»** марбут ба тавсифи моҳияти масъулияти иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ниҳоди танзимгари муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми гуманизатсияи фаъолияти хоҷагидориву иқтисодӣ баррасӣ гардида, ҳамчунин ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар сохтори ниҳодии (институтсионалии) танзим ва рушди иқтисодиёт муайян карда шудааст. Қайд гардидааст, ки яке аз тамоюлҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷаҳони муосир иҷтимоикунонии фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Афзалияти проблемаи масъулияти иҷтимоии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар замони муосир ба таъсири бисёр омилҳо ва ҳолатҳо вобастагӣ дорад. Дар системаи ин омилҳо нақши асосиро, пеш аз ҳама, омилҳои ғайримоддии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебозанд, ки бо ташаккули рушди инсонӣ алоқамандӣ доранд (с.14-59)

**Дар боби дуввум - «Ҳолати муосири рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** заминаҳои ташаккул ва рушди ниҳодҳои шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон, тамоюли гуманизатсияи рушди иқтисодӣ ва шарикии иҷтимоӣ дар мамлакат мавриди таҳқиқ қарор гирифта, арзёбии шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми рушди самараноки субъектҳои хоҷагидор ба иҷро расидааст. Қайд гардидааст, ки моликият ва трансформатсияи он ҳамчун ниҳоди муҳимми иқтисодӣ тамоми хусусиятҳои муносибатҳои истеҳсолиро дар низомҳои гуногуни иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, пеш аз ҳама

хусусиятҳои муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатиро муайян менамояд. (с.60-121)

**Боби сеюм - «Такмили асосҳои консептуалии самтҳои рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, асосноккунии тамоюли стратегии рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодиёти мамлакат, масъалаҳои такмили принсипҳо ва механизмҳои арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ ва самтҳои асосии баланд бардоштани он дар субъектҳои бахши хусусии иқтисодиётро дар бар мегирад. Қайд карда шудааст, ки асосҳои консептуалии шарикии иҷтимоиро муносибатҳои молумулкӣ муайян мекунанд, ки дар шакли манфиатҳо амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҳолат, аз ҷиҳати методологӣ дурустар аст, агар мо манфиатро на ҳамчун категорияе шуморем, ки тарафҳои гуногун дорад ва аз ин рӯ, тахти таъсири қонунҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра рушд мекунад, балки манфиатҳои иқтисодиро ба категорияи махсуси заминавӣ ҷудо кардан лозим аст, ки аз дигар намуди манфиатҳое, ки унсурҳои алоҳидаро пешбинӣ намуда, дар асоси қонунҳои хоси онҳо ташаккул меёбад, фарқ менамояд (с.121-170).

**4. Муҳиммияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия.**

Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо имконияти истифодаи хулосаҳои мухтасар ва пешниҳод барои мукаммал намудани сохтори институтсионалӣ ва ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, корфармоён дар сатҳҳои гуногун дар ташаккули сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Методҳо ва қоидаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳиягардида, мумкин аст аз ҷониби роҳбарони корхонаҳо, кормандони дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои иттифоқҳои

касаба ҳангоми омода намудани лоиҳаи институтсионалӣ ва татбиқи низоми шарикии иҷтимоӣ истифода карда шаванд. Маълумотҳои диссертатсияро метавон дар раванди таълими донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисоди миллӣ» ва ғайра истифода намуд.

**5. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии анҷомдодаи Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло арзиши баланди илмӣ ва амалӣ дошта, ба ҳалли масоили муҳимми ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Унвонҷӯ тавонистааст, ки эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро собит созад. Дар баробари комёбиҳо дар диссертатсия баъзе норасогиҳо низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Муаллиф шарикии иҷтимоиро ҳамчун механизми гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ ҳисобидааст, аммо кадом механизмҳоро дар назар дорад ноаён мондааст;

2. Таърифи муаллифони алоҳида доир ба шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ба сифати идеологияи нави муносибатҳои мутақобилаи корфармоён ва коргарон тасниф шудааст.(с 26.) Аммо ақидаи муаллиф доир ба ин масъала чандон возеҳ баён нашудааст.

3. Аз тарафи муаллиф зарурати коркарди Оинномаи (хартия) иҷтимоии фаъолияти иқтисодии ватанӣ пешниҳод шудааст. Дар замимаи кор ин Оиннома агар аз тарафи муаллиф таҳия мегардиду нишон дода мешуд, боз ҳам сатҳи илмиву амалии диссертатсия баланд мешуд.(с.137).

4. Муаллиф қайд намудааст, ки рушди шарикии иҷтимоӣ дар корхона ҳамчун яке аз омилҳои муттаҳидшавии коллективи меҳнатӣ ва рӯҳбаланд намудани онҳо баромад менамояд. Аммо индикатор ва нишондиҳандаи ҳодисоти муттаҳидгардӣ нишон дода нашудааст.

5. Қисматҳои механизми идораи системаҳои масъулияти иҷтимоии корпаративӣ ҷудо карда шудааст. Хуб мешуд, ки сатҳи таъсири онҳо ба рушди иқтисодӣ муаяйн карда мешуд.

6. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

7. Рӯйхати адабиёт ислоҳталаб аст.

Аммо эроду пешниҳодҳое, ки дар боло зикр шудаанд, сатҳи назариявию амалии тадқиқоти диссертатсионии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадуллоро коҳиш намедиҳад. Дар маҷмӯъ диссертатсия тадқиқоти ҷиддии илмӣ ба ҳисоб рафта, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои такмили асосҳои институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ тавсиф менамояд.

**6. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5,5 ҷузъи чопӣ, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ҳангоми омода намудани китоби дарсӣ ва омӯзиши фанҳои «Шарикии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии коргарон» дар Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат истифода шудаанд.

**7. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия.**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии тадқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешавад, ҷой гирифтааст. Маводи дар диссертатсия овардашуда сохтор ва низоми аз нигоҳи мантиқ дуруст дошта, сатҳи баланди объективият дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисоси кормандони илмӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ ба иҷро расонида шудааст: Зербандҳои 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонуниятҳои рушди муносибатҳои иқтисодӣ; моликият дар низоми

муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; назарияи механизми хоҷагидорӣ ва рушди он: принсипҳо, тамоюлҳо ва хусусиятҳо; қонуниятҳои таҳаввулоти низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; гуманизатсияи рушди иқтисодӣ; 1.2. Алоқамандии некӯаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ. 1.4.Назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; интихоби иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

**Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи «Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун кори илмӣ-тахассусии анҷомшуда ҳисобида, натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифро муҳим ва дорои аҳамияти илмию амалӣ шарҳ додан мумкин аст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Таълифоти муаллиф, ки 7 номгӯйро дар бар мегирад, аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои тадқиқот шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 17 декабри соли 2020 бо суратҷаласаи таҳти №6 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Раиси ҷаласа,
Мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.и. Шамсуллозода Ш.

Котиби ҷаласа,
Муаллими калонии кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети идоракунии давлатӣ Асоев М.М.

Тақризро омода намуд дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети идоракунии давлатӣ д.и.и. Набиев Т.Т.

Имзоҳои Шамсуллозода Ш., Асоев М.М., ва Набиев Т.Т. – ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Суфиев Ф.Р.